# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқикоти таърихӣ. - Душанбе, 2024.**

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ марҳалаи комилан нав дар рушди таърихнигории миллии тоҷик оғоз ёфт. Муаррихони тоҷик новобаста аз ҷой доштани мушкилоту норасоиҳо ҳанӯз аз ибтидои солҳои 90-уми асри сипаришуда ба таҳқиқу баррасии таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик рӯ оварда, дар замони соҳибистиқлолӣ ба натиҷаҳои хеле назаррас ноил гардиданд. Таърихнигории ватанӣ, ки ба андешаи аксари муаллифон аз чаҳорчӯбаи методологияи марксистӣ-ленинӣ берун шуда буд, акнун бояд бо диди нав тағйиротҳои бузурги дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ба амал омадаро бо назардошти манфиатҳои миллӣ инъикос мекард.

Омӯзиши мавзӯи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» дорои аҳамияти баланди илмӣ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Муродзода Аҳмадхон Амрохон тавонистааст, ки ин масъалаи мубрами таърихи асримиёнагиро бо асноду далелҳои муътамад ба риштаи таҳқиқ кашида, пешкаши ҳаводорони таъриху фарҳанг намояд.

Муаллиф таҳқиқотро дар пояи муқоиса ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва ҳам таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ, шӯравӣ ва хориҷӣ ба анҷом расонидааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса ва рӯихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мақсад ва вазифаҳо, методҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқшаванда, давраҳои таърихии омӯзиш, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби якуми диссертатсия - “Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ” номгузорӣ шуда, дар он маъхазҳои мавриди истифода қарор гирифта таҳлил гардида, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар арафаи ба сари қудрат омадани амир Темур баррасӣ гардидаанд. Диссертант барҳамхӯрии давлати Чағатойиро ҳамчун натиҷаи муборизаи хонҳои ба ҳаёти муқимӣ ва фарҳанги мусулмонӣ гузашта бо феодалони муғули бодиянишин дидааст. Қайд карда мешавад, ки парокандагии сиёсӣ ва ҷангҳои пай дар ҳам омили манфӣ барои қувваҳои истеҳсолкунанда ва таназзули тиҷорат гардиданд. Дар зербоби мазкур шӯриши Сарбадорон низ баррасӣ гардида новобаста ба шикаст ба он баҳои

мусбӣ дода шудааст.

Боби дуввуми диссертатсия - “Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV” унвон дошта, он аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал “Ҳокимияти Самарқандро гирифтани Темур ва оғози забткориҳои ӯ” унвон дошта дар он дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ба сари қудрати Мовароуннаҳр омадани Темур, юришҳои харобиовари ӯ ба Хоразм, Ҳирот, Исфаҳон, Ҳиндустон, Бағдод ва ғайра ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар зербоби дуюми боби дуюм “Мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темур” диссертант оид ба муборизаҳои ворисони Темур, наберааш Пирмуҳаммад, ки пеш аз марг Темур ҳокимияташро ба ӯ васият намуда буд, Халил султон, набераи дигари Темур, ки пас аз марги ӯ бар хилофи васияташ сарони низомӣ ӯро ҳамчун фармонраво интихоб намуданд ва Шоҳрух мирзо, писари Темур, ки гарчанде дар аввал ба муборизаҳои низомӣ дахолат накард, лекин минбаъд маҳз ӯ муваффақ гардид, ки зимоми ҳокимиятро дар ҳудуди империяи Темур ба дасти худ гирад, ба риштаи таҳлил кашидааст.

Боби сеюми диссертатсия - “Вазъи сиёсии Моварoуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV дар осори ҳамзамонон ва таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ” аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби аввал “Мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Шоҳрух. Улуғбек ва нокомиҳои ӯ дар умури давлатдорӣ” унвон дорад. Дар зербоби аввал диссертант қайд менамояд, ки Шоҳрух ба монанди Темур натавонист интиқоли ҳокимиятро ба ворили худ интиқол намояд. Қайд карда мешавад, ки мақсади Шоҳрух васият намудани ҳокимият ба писараш Муҳаммад Ҷӯкӣ буд. Аммо Муҳаммад Ҷӯкӣ соли 1444 вафот карда ҳангоми вафоти худи Шоҳрух дар соли 1448 аз писарони ӯ танҳо Улуғбек дар қайди ҳаёт буд. Гарчанде Улуғбек ҳокимиятро дар Хуросон ба даст гирифт, лекин, чи хеле ки аз автореферати диссертатсия бармеояд, дар натиҷаи боло рафтани ноорnamии сиёсӣ ва ҳуҷуми қабилаҳои ӯзбек ба Самарқанд Улуғбек аз ӯҳдаи идораи кишвар набаромада, дар охир бо фармони писари худ Абдулатиф ба қатл расонида мешавад. Дар зербоби дуюм “Вазъи сиёсии Моварoуннаҳру Хуросон дар солҳои 50-60-уми асри XV” муаллиф авзои сиёсии минтақаро, ки ҳокимияти сиёсӣ чанд маротиба аз даст ба даст гузаштааст, дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ таҳлил намудааст.

Боби чоруми диссертатсия - “Вазъи сиёсии Моварoуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқон” унвон дошта, дар он диссертант авзои сиёсии Моварoуннаҳр ва Хуросонро дар нимаи дуюми асри XV дар зербобҳои алоҳида баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки парокандагии сиёсӣ ва марказгурезии ҳокимон сабаби асосӣ барои мутеъ гардидани Моварoуннаҳр ба бодянишинони дашти Қипчоқ

гардидааст. Вазъи Хуросони замони ҳокимияти Ҳусайн Бойқаро низ таҳлил гардида, ноиттифоқии сулолавӣ, ки ҳатто писар аз амри падар саркашӣ мекард, ҳамчун омили асосӣ барои ба зуди ишғол гардидани кишвар аз ҷониби Муҳаммад Шайбонихон арзёбӣ карда мешавад.

Дар боби панҷуми диссертатсия - "Инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон" муаллиф аз таназзулёбии вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар асари ҳуҷуми муғулҳо ва ба кӯҳистон фирор намудани аҳолии маҳаллӣ ёдрас намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки оид ба авзои иҷтимоии замони Темуриён иттилооти зиёд вуҷуд надорад. Лекин дар баробари ин муаллиф сар задани касалиҳои сирояткунанда, ба монанди вабо ва тоунро ҳамчун омили асосии холишавии аҳолии шаҳрҳо номидааст. Аз афтореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф дар боби мазкур осори олимон Б. Ғафуров, Н. Маҳмудов, У. Эшонқулов, А. Саидов, Л. Додхудоева, Л. Бойматов, ки ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои XIV-XV бахшида шудаанд, таҳлил намудааст. Низоми андоз ва андозситонии давраи баррасишаванда низ таҳлил гардида, он зидди талаботи шариат баҳо дода шудааст. Дар боби мазкур ҳаёти фарҳангии минтақа дар асоси осори муҳаққиқони шӯравӣ ва замони истиқлол мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок намудааст, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки ба масъалаи баррасишаванда бахшида шудаанд, баррасӣ намудааст, асоси методологии таҳқиқотро муайян карда, сарчашмаҳои вобаста ба мавзӯи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро тавсиф ва баҳои илмӣ додааст. Муҳаққиқ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масоили асосии мавзӯи таҳқиқотиро муайян ва илман исбот намудааст.

Хулоса ва натиҷаҳои асосии илмии бадастомадаи таҳқиқот аз 18 банд иборат буда, фарогири мазмуну мухтавои асосии автореферати рисола мебошанд. Инчунин, қобили қайд мебошад, ки дар қисмати мухтавои асосии таҳқиқот муҳаққиқ ба таҳлил ва таҳқиқи бевосита машғул гардида, бо далелҳои муътамади илмӣ онро баён намудааст. Муҳаққиқ ҳангоми баррасии масъала аз методҳои гуногуни илмӣ истифода намудааст, ки дар он методҳои муқовисавии таърихӣ, равиши системавӣ, таҳлили сохториву корбурдӣ ва методҳои таҷзия ва таҳлили донишҳои эмпирикӣ мақоми арзанда доранд. Забон ва услуби нигориши автореферати диссертатсия сода ва фаҳмо буда, дар он мантиқи сухан ва пайдарпайии замонӣ қотеъона риоя гардидааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри

XIV ва асри XV» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ
“ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” Давлатов М.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 92-24-78-12
E-mail: rektor@hgu.tj

11. 06. 2025

Имзои д.и.т., профессор М. Давлатовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” Сайдуллозода З.